# Ин ду азоб дода мешаванд ва дар чизи бузурге азоб дода намешаванд, яке аз он ду худро аз пешоб пок намекард ва дуюми суханчинӣ мекард

Аз ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз назди ду қабр мегузашт ва фармуд: "Ин ду азоб дода мешаванд ва дар чизи бузурге азоб дода намешаванд, яке аз он ду худро аз пешоб пок намекард ва дуюми суханчинӣ мекард". Сипас шохаи тозаи дарахти хурморо бардошт ва онро ду нисф кард ва ҳар нисфро дар яке аз қабрҳо нишонд. Гуфтанд: Эй Расули Аллоҳ, чаро чунин кардӣ? Гуфт: "Шояд, то он даме ки хушк нашаванд, барояшон сабукӣ диҳад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз назди ду қабр мегузашт, фармуд: Соҳибони ин ду қабр азобу шиканҷа мешаванд. Аммо барои чизе азоб намешаванд, ки дар назари шумо кори бузурге бошад, агарчанде назди Аллоҳ кори бузург аст. Яке аз онҳо ҳангоми қазои ҳоҷат ба ҳифзи бадан ва либоси худ аз пешоб аҳамият намедод. Дувумӣ дар миёни мардум суханчинӣ мекард ва ба қасди зиён расонидан ва миёни мардум ихтилоф андохтан сухани ононро ба ҳам мерасонд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3010